# ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-029 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ СЛАВЯНИИ РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҲИМОЯИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

Парвандаи аттестатсионии №5

Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 30.12.2019, протоколи №7
оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Навруз Носири, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар мавзӯи «Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)» дар шакли дастхат аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо) аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029 (аз 12.06.2019, протоколи №3) дар назди Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30) ба ҳимоя қабул гардидааст.

Унвонҷӯ Навруз Носири 01-уми январи соли 1990 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шудааст. Соли 2008 ба факултаи иқтисодиёт ва технологияҳои иттилоотии Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб дохил шуда, онро соли 2013 бо гирифтани тахассуси молия ва қарз бо муваффақият хатм намудааст. Солҳои 2013-2017 дар вазифаи ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва молияи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб кор кардааст. Аз 27 октябри соли 2017 инҷониб дар вазифаи омӯзгори калони кафедраи иқтисодиёти донишгоҳи номбурда фаъолият менамояд.

Солҳои 2014-2019 ба ҳайси унвонҷуй дар Донишкадаи техонология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб таҳсил намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети иқтисодии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**1.Исайнов Ҳисайн Раҳимович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи милии Тоҷикистон.

**2.Маҳмудова Шаҳодат Ҳаитбоевна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими калони илмии Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ.

**Ташкилоти тақриздиҳанда** – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Тақризи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур аз 9 - декабри соли 2019, протоколи №4, дар хулосаи мусбии худ бо имзои эксперт, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон, Мадаминов А.А. ва мудири кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон бо номи Ш.Шоҳтемур номзади илмҳои иқтисодӣ, Исломов Ғ.Ҳ., ки аз тарафи ректори он доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Салимзода Амонулло Файзулло тасдиқ шудааст.

Дар тақриз қайд шудааст, ки кори диссертатсионии Навруз Носири ҷавобгӯи талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо) мебошад.

**Корҳои муҳимтарин оид ба мавзӯи диссертатсия:**

1.Предпосылки инновационного развития регионального АПК//Вестник Российско-Таджикского (Славянского) университета. Серия экономических наук. – Душанбе. -2017. - № 1(57). - С.53-62.

2.К вопросу инновационной деятельности в агропромышленном комплексе: понятия и зарубежный опыт// Международный научный журнал. «Экономика и предпринимательство». – Москва, 2016. - №6. - С.622-626.

3. Рушди фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявии «Ҷавонон ва рушди илми муосир (ш. Қурғонтеппа, 2016)» – Қурғонтеппа, 2016. – С.253-259.

4.Тенденции инновационного развития агропромышленного комплекса Хатлонской области//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе. -2017. - №2/1. -С.166-169.

5.Инновационные формы развития садоводства в Хатлонской области// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе. -2019. -№5/1. -С.176-180.

6.Состояние сферы инновационной деятельности в АПК Хатлонской области (на таджикском языке) //Формирование кластерной политики как основы инновационной ориентированности и конкурентоспособности региона/ Материалы Республиканской научно-практической конференции (КГУ, 15-16 декабря 2017 г.). - Куляб, 2017. - С.176-180.

7.Активизация интеграционных процессов как условие регионального инновационного развития. Большая Евразия: Развитие, безопасность, сотрудничество. /Материалы II Международной научно-практической конференции (г. Москва, Ежегодник Выпуск 1 Часть 1). - Москва, 2018. - С.257-260.

8. Вазъи соҳаи фаъолияти инноватсионӣ дар КАС минтақа /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Ташаккули сиёсати кластерӣ ҳамчун асоси нишоннагирии инноватсионӣ ва рақобатпазирии минтақа» (ДДК, 15/16.12.17). - Кӯлоб, 2017. - С.176-180.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

**1.Растова Ю.И.** – д.и.и., профессори кафедраи менеҷмент ва инноватсияи муассисаи федералии давлатии буҷавии таҳсилоти олии «Донишгоҳи давлатии иқтисодии Санк - Петербург» бо камбудиҳои зерин:

Дар автореферат шаклҳо ва механизмҳои маблағгузории самтҳои пешниҳодшудаи ислоҳоти системаи идоракунии чараёни инноватсионӣ дар КАС-и минтақа, нишон дода нашудаанд.

**2.Ҳоҷаев П.Д.** – д.и.и., профессори кафедраи муносибатҳои иқтисодию байналмиллалӣ Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

1.Дар автореферат хусусиятҳои фарққунандаи рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон кушода дода нашудаанд.

2.Дар автореферат асосҳои институтсионалии рушди инноватсияҳо, ки интихоби дурусти органҳои барои идоракунию танзим ва паҳнкунии инноватсияҳо масъулро, маҳсуб медонанд пурра таҳлили худро наёфтааст.

3.Автореферат аз баъзе хатогиҳои имлоӣ холӣ нест.

**3.Қудратов Р.Р.** – д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

1.Муаллиф пешниҳод мекунад, ки инфрасохтори инноватсионии минтақа рушд дода шавад, вале чӣ гуна бо кадом роҳ ва бо истифода аз кадом сарчашмаҳои маблағгузорӣ мушаххас нашудааст.

**4.Исмоилов М.М.** – д.и.и., профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғаффуров.

1.Дар автореферат ба самаранокии иқтисодии инноватсияҳои кишоварзӣ камтар диққат дода шудааст.

2.Дар мавриди арзёбии мафҳуми инноватсия назари олимони ватанӣ кам ба назар мерасад.

**5.Садриддинов Н.Т.** – д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав.

1.Дурнамои ҳаҷми маҳсулоти инноватсионии соҳаи кишоварзии минтақа дар ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзии минтақа муайян нашудааст.

2.Сохтори сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар вилояти Хатлон, ки дар ҷадвали 6 гирд оварда шудааст, таҳлилӣ пурраи худро наёфтааст.

**6.Ризоқулов Т.Р.** – д.и.и., профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

1.Хуб мешуд, ки сохтор ва таркиби низоми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар сатҳи соҳаи кишоварзии минтақаи таҳқиқшуда дар шакли нақшавӣ пешниҳод мегардид.

2.Дар матни баъзе саҳифаҳои автореферат хатогиҳои услубӣ ба назар мерасанд.

**7.Тсхададзе Н.В** – д.и.и., профессор, профессори департаменти назарияи иқтисодии МТФДБ ТО “Донишгоҳи молияи назди Ҳукумати ФР”

1. Дар автореферат дар пункти чоруми навгониҳо муаллиф қайд мекунад, ки алгоритми идоракунии марҳилавии ҷараёни сармоягузории рушди инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ бо назардошти ҳамгироии ҷараёнҳои инноватсионию инвеститсионӣ, назарсанҷии молиякунонии пайдарпайи рушди фаъолияти инноватсионӣ оварда шудааст, вале дар автореферат дида намешавад.

**Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.**

Интихоби муқарризони расмӣ дар асоси маъруфияти онҳо дар соҳаи агроиқтисодиёт, идоракунии инноватсияҳо, корҳои илмии чопшудаашон дар соҳаи дахлдори таҳқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ сурат гирифт. Интихоби муассисаи тақриздиҳанда бар он асос ёфтааст, ки самти фаъолияти илмии таҳқиқотӣ ва амалии воҳиди сохтории он ба мавзӯи диссертатсия мувофиқ буда, ба додани тақриз розӣ мебошад.

**Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ чунин қайд мекунад:**

- Мафҳуми иқтисодии «инноватсияҳо» ва «ҷараёни инноватсионӣ» қисман мукаммал гардида, асосҳои назариявии фаъолияти инноватсионии субъектҳои хоҷагидории КАС бо назардошти алоқамандии илми аграрӣ ва агробизнеси инноватсионӣ коркард шудааст;

- пешниҳод гардидааст, ки рушди фаъолияти корхонаҳои КАС-ро дар асоси ташаккули заминаҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, институтсионалӣ-инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ ба роҳ мондан, мувофиқи мақсад мебуд;

- мукаммалгардонии асосҳои назариявии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо бо назардошти хусусияҳои хоси ҷараёни такрористеҳсол ва афзоиши нақши истифодаи инноватсияҳо ҳамчун омили фаъолнокии ҷалби инвеститсияҳо ба корхонаҳои инноватсионии КАС;

- ворид намудани тағйиротҳо ба таърифи мафҳуми «инноватсия», «фаъолияти инноватсионӣ» ва «ҷараёни инноватсионӣ» бо назардошти хусусиятиҳои соҳаи кишоварзӣ ва иловаи таснифоти инноватсияҳо дар КАС;

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- равишҳои назариявию методологӣ, принсипҳо ва механизмҳои ташаккул ва равнақи системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи тадқиқшаванда тараққӣ дода шудааст;

- роҳҳои рушди инноватсионии КАС бо мақсади афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои таъмини талаботи аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он бо маводи босифати озуқаворӣи истеҳсолоти худӣ нишон дода шудаанд;

- таҳлили асосии таҳқиқот, ки ба танзимдории рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-ро дар бар мегирад, равандҳои сармоягузории ҷараёни инноватсиониро дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон ва минтақаи Кӯлоб мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

- нисбат ба масоили диссертатсия ва натиҷагирии он усулҳои таҳлили муқоисавӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, мувозинатӣ, системавӣ, таҳлилӣ-миқдорӣ ва маҷмӯи, инчунин, равишҳои барномавӣ-мақсаднок ва усулҳои ҷадвалӣ ва графикии дастраснамудаи маълумот истифода бурда шудаанд;

- далелҳои омӯзиши равишҳои назариявии методологии барои муайян намудани таркиби иқтисодии инноватсияҳо ва бунёди сохтории потенсиали инноватсионии субъектҳои хоҷагидории КАС нишон дода шудаанд;

- самтҳои асосии рушди фаъолияти инноватсионии барои равнақи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ мусоидаткунанда, пешниҳод карда шудаанд;

**Моҳияти натиҷаҳои амалии таҳқиқот, ки унвонҷӯ ба даст овардааст, дар мавридҳои зерин тасдиқ мешавад:**

- истифодаи усулҳои назариявию методологӣ ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия овардашуда, ҳангоми ташкили системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи таҳқиқшаванда ва рушди устувори минбаъдаи самараноки онҳо мавриди татбиқ қарор мегирад;

- пешниҳодҳои алоҳида ва хулосаҳои дар диссертатсия овардашударо метавон ҳангоми коркарди барномаҳо ва стратегияҳои рушди низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаву ташкилотҳои комплекси агросаноатии минтақаҳо истифода намуд;

- хулосаҳои асосии назариявӣ ва муқаррароти методӣ то ба сатҳи тавсияҳои мушаххаси амалӣ коркард гардидаанд, ки метавонанд ҳам барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ-амалӣ ва инчунин, барои рушди системаи идоракунии ҷараёнҳои инноватсионӣ дар КАС истифода карда шаванд.

**Баҳодиҳии дараҷаи дуруст будани натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда ва арзёбии онҳо ошкор кардаанд, ки:**

- шаклҳои асосии дастгирии давлатии фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ бо назардошти рушди ҷолибияти лоиҳаҳои инноватсионӣ таҳқиқ шуда, чорабиниҳои ҳавасмандкунандаи пайдоиш ва истифодаи инноватсияҳо ва чораҳои амалишавии ташкили раванди инноватсионӣ дар минтақа, ба роҳ мондани рушди самараноки потенсиали инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод ва асоснок гардидаанд;

- натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии муаллиф татбиқ карда шудааст (санади татбиқ аз ҷониби Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон аз 18.06.2019с. ва аз Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб аз 21.06.2019 дода шудаанд);

- ғояи тадқиқот бо назардошти таҳлили маълумотҳои омории ватанию байналмиллалӣ оид ба фаъолияти инноватсионии КАС, ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва осори илмии олимон, ки дар соҳаи инноватсия тадқиқот бурдаанд, асос ёфтааст;

- маҷмӯи самтҳои баландбардории натиҷанокии рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон бо назардошти самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатии ташаккули стратегияи инноватсионии рушди комплекси агросаноатӣ ва бунёди шароитҳои фаъолгардонии ҷалби инвеститсияҳои васеъкунандаи миқёси азхуднамоии инноватсияҳо дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидории комплекси агросаноатӣ мусоидаткунанда, пешниҳод шудаанд;

- воситаҳои баҳодиҳии самаранокии низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ, ки таҳлили шароитҳои рушди инноватсионии корхонаҳои кишоварзиро бо назардошти муҳити дохилӣ ва берунӣ, коркарди равишҳои консептуалии мукаммалсозии сохтори идоракунӣ ва назарсанҷии таъмини инфрасохтори ҷараёни танзими рушди фаъолияти корхонаҳои кишоварзиро, дар бар мегиранд, коркард шудаанд;

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар ин аст:**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар коркард ва аз санҷишгузаронии муқаррароти асосии диссертатсия оид ба системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи таҳқиқшаванда;

- муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои илмӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва илмию амалӣ маъруза карда шудаанд;

- омода намудани 10 мақолаи илмӣ, дар ҳаҷми 5,3 ҷузъи чопӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд;

- диссертатсияи Навруз Носири ба талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ» нисбати диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, ҷавобгӯ мебошад.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ (протоколи №7 аз 30.12.2019) дар бораи ба Навруз Носири додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қарор қабул кард.

Дар овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ иборат аз 15 нафар ва аз он ҷумла 10 доктори илм ва 5 номзади илм аз рӯйи самти диссертатсия, ки ба ҳайати шӯрои диссертатсионӣ дохил мешаванду дар ҷаласа иштирок доштанд, чунин овоз доданд: Тарафдор - 15 нафар, Зид – нест, Бетараф – нест.

Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Комилов С.Ҷ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шодиева З.Н.